# Лаънати Аллоҳ бар яҳудиён ва насрониён, (ки) қабрҳои паёмбаронашонро ибодатгоҳ қарор доданд

Аз Оиша ва Абдуллоҳ ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфтанд: Ҳангоме ки (малакулмавт ва ҳолоти вафот) бар Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шуд, хамисае (порчаи матоъе) бар чеҳраи худ меандохт ва ҳангоме ки нафасашон танг мешуд онро аз чеҳрааш бардошта ва дар ҳамин ҳол мегуфт: "Лаънати Аллоҳ бар яҳудиён ва насрониён, (ки) қабрҳои паёмбаронашонро ибодатгоҳ қарор доданд". Ва нисбат ба коре, ки анҷом додаанд ҳушдор медоданд.
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Оиша ва ибни Аббос (разияллоҳу анҳум) моро хабар доданд, ки ҳангоме марг ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) наздик шуд, пораи матоъеро ба рӯйи худ мегузошт ва агар нафаскашӣ ба сабаби сакароти мавт барояш душвор мегашт онро аз чеҳрааш дур мекард ва дар он ҳолати сахт гуфт: Худованд яҳуду насорорo лаънат кунад ва аз раҳматаш дур кунад. Зеро онон бар сари қабрҳои паёмбаронашон масҷидҳо сохтанд ва агар хатарнокӣ ва аҳамияти ин масъала намебуд, дар чунин шароите онро зикр намекарданд. Барои ҳамин Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) умматашро аз монанд кардан ба онон дар ин кор наҳйи кардаанд. Зеро ин амали яҳудиён ва насрониён аст ва василае аст барои ширк ба Аллоҳи бузург.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3330